# Ҳиҷоб чаро?

[ Тоҷикӣ – Tajiki – طاجيكية]

**Муаллиф: МУҲАММАД ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ**

**Мутарҷим: (аз арабӣ) АБДУЛҚОДИР ТУРШОБӢ**

**Баргардон (аз форсӣ): МӮҲСИНИ РАМАЗОНӢ**

2012 - 1433

IslamHouse.com

# ﴿ لماذا الحجاب؟ ﴾

« باللغة الطاجيكية »

تأليف: محمد بن أحمد بن إسماعيل المقدم

ترجمة: عبد القادر ترشابي

ترجمة من الفارسية: محسيني رمضاني

2012 - 1433

IslamHouse.com

بسم الله الرحمن الرحيم

# Муқаддима

Худоро сипос мегӯем, ки дар торикӣ ва зулумоти ин қарн, ҳамчунон гурӯҳе парчами ҳидоят ва ҳақро ба дӯш мекашанд. Дар миёни таблиғоти масмуми истеъмори ҷаҳонӣ ва зарбаҳои пай дар пайи онҳо ба ҷисми захмӣ ва хастаи уммати исломӣ пеш мераванд. Худоро сипос мегӯем, ки дар ин замони пурфитна ва фасод, замоне, ки побандӣ ба дин, монанди чанг задан ба шарораҳои оташ аст, теъдоде аз хоҳарони мусалмон мӯътақид ба усул ва мабодианд ва алоқа доранд то ҳиҷоби шаръиро, ки қалъаи мӯҳкам дар баробари фасоди ҷомеаи исломӣ аст, ҳифз намоянд. Бале, дастаҳои палиди истеъморгарони Ғарб ва пайравони онҳо даст ба кор шудааст, то бо равишҳои мухталиф, ҷомеаи исломиро ба фасод ва фаҳшо бикашанд. Яке аз ин равишҳо, бардоштани ҳиҷоб аст, ки душманон дар ин қарни ахир барои бардоштани ҳиҷоб аз ҳеч кушише дареғ нанамудааст. Гоҳе ҳиҷобро мухолифи озодӣ ва гоҳе таҳаҷҷур ва иртиҷоъ ва гоҳе ақибафтодагӣ ва бозгашт ба ҳазору ҷорсад сол пеш ва гоҳе ҳам беҳиҷобиро иртиқоъ ва пешрафт ва тамаддун ном ниҳоданд. Ҳамаи ин талошҳо барои ин буд то зани

мусулмонро аз ҳиҷоб орӣ намоянд ва беҳиҷобиро дар ҷомеаи исломӣ ривоҷ диҳанд. Аз ин тариқ, ба ниятҳои шуми хеш бирасанд. Душманон ҳарчанд дар ин замина пешрафтҳое намуданд, аммо аз тарафи дигар бо муқовимати бисёре аз занони мусалмон мувоҷеҳ шуданд. Ба тавре ки онҳо фиреби ин шиорҳои пурзарқу барқро нахӯрданд ва донистанд, ки бар иддаои озодии зан дурӯғ мегӯянд ва ҳадафе чуз бароварда кардани ҳадафҳо ва манфиатҳои худро надоранд. Он ҷое, ки духтарони мусалмон дар Фаронса, Олмон ва теъдоде аз кишварҳои аврупоӣ аз рафтан ба донишгоҳҳо ба хотири ҳиҷоби шаръияшон ва истифода аз рӯсарӣ, манъ шуданд. Зани мусалмон аз ҳузур дар парлумони Туркия ба хотири доштани рӯсарӣ манъ гардид ва даҳҳо мавриди дигар, ҳама ва ҳама нифоқ ва дугонагии Ғарбро дар баробари озодӣ зоҳир ва ошкортар кард.

Пас эй хоҳари мусалмон! Онҳое, ки ба номи озодӣ ва демократӣ мехоҳанд иззату кароматва ҳурмати исломиатро поймол намоянд ва туро ба кӯчаю хиёбон бикашанд, дилсӯз ва хоҳони озодиат нестанд, балки мехоҳанд ҷомеаи исломиро ба фасод бикашанд. Пас бар ту аст, ки бо ҳифзи ҳиҷоби исломӣ, арзишҳои исломиро ҳифз кунӣ, зеро ту

нисфи умматӣ ва нисфи дигари уммат аз ту ба дунё меоянд. Дар натиҷа, ту ҳамаи умматӣ.

Кӯдакони мусалмон дар домани ту тарбият мешаванд ва дар воқеъ ояндаи ҷомеаи исломӣ ба василаи ту қаламзада мешавад. Ҳиҷоби ту қалъаи мӯҳкам дар баробари аз ҳам пошидагии ҷомеаи исломист.

Аз он ҷое, ки ҳиҷоб дар ҷомеаи исломӣ нақши муҳиме ифо мекунад ва бисёре аз хоҳарони мусалмон мехоҳанд шинохт ва огоҳии бештаре дар мавриди ин фаризаи исломӣ дошта бошанд. Ин рисолаи кӯчакро пешкаш менамоям, то хоҳарони мусалмон бо фазилатҳои ҳиҷоб, мушкилоти беҳиҷобӣ ва шароити ҳиҷоби шаръӣ ошноӣ пайдо кунанд. Ин рисолаи бисёр мухтасар дар воқеъ шароити ҳиҷобро мухтасар баён намуда аст, то хоҳарони азиз онҳоро бидонанд ва ба онҳо амал кунанд. Умедворем мавриди истифодаи онҳо қарор гирад ва Худованд рӯзи қиёмат онро дар тарозӯи аъмоли некам қарор диҳад. Дар поён, маро аз дуъои хайри худ фаромӯш накунед.

بسم الله الرحمن الرحيم

Қонуни исломӣ ба зани мусалмон таваҷҷӯҳи хос ва фавқулодае намудааст то иффат ва покдоманӣ, ҳурмат ва каромат ва ҷойгоҳи баландашро ҳифз намояд. Маҳдудиятҳое, ки дар либосу зиннати зан қарор дода шудааст, фақат барои чилвагирӣ аз фасодест, ки дар натиҷаи ошкор кардани зиннат ба вучуд меояд. Лизо он чӣ Ислом овардааст, озодии занро маҳдуд намекунад, балки вайро аз суқут дар умқи мунҷалоби хорӣ ва зиллат ва гирдоби ибтизол ҳифз менамояд то ба сурати намоише барои чашмчаронон дар наёяд. Мо дар ин мухтасар барои ташвиқ ба ҳиҷоб, ба зикри фазилатҳои он пардохта ба оқибат ва анҷоми хуби он башорат медиҳем. Ҳамчунин, айбҳо ва бадиҳои беҳиҷобиро ёдоварӣ намуда ва аз оқибат ва саранҷоми бади он дар дунё ва охират ҳушдор медиҳем то аз беҳиҷобӣ дурӣ карда, ба ҳиҷоб рӯй оваред. Худованд ниятҳоро беҳтар медонад. Ӯ моро кофист ва беҳтарин корсоз аст.

# ФАЗЛИ ҲИҶОБ

## ҲИҶОБ ИТОАТИ ХУДО ВА РАСУЛИ ХУДО (С)

Худованд итоат аз худ ва расулашро бар мо воҷиб гардонидааст: ***“Ва ҳеҷ мӯъмину ҳеҷ мӯъминаро он нест, ки чун Худову пайғамбари Ӯ коре муқаррар кунанд, онҳоро дар он кори хеш ихтиёр бошад. Ва ҳар ки Худову пайғамбари Ӯро нофармонӣ кунад, пас, ҳамоно, ба гумроҳии зоҳир гумроҳ шудааст”.*** (Аҳзоб-36)

Ҳамчунин мефармояд: **“Чунин нест, ба Парвардигорат қасам, ки онҳо имон намеоранд, то он ки туро дар ихтилофе, ки дар миёнашон воқеъ шуд, ҳакам кунанд; ва аз он чи ҳукм фармудӣ, дар дили худ тангӣ бознаёбанд ва ба гардан ниҳодан қабул кунанд”.**

Худованд занонро ба ҳиҷоб амр намудааст:

**«Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашми худро бипӯшанд ва шармгоҳи худро нигоҳ доранд ва ороиши худро[1] ошкоро накунанд, магар он чи**

---

[1] Яъне: мавзеъҳои зевар.

**аз он (мавзеъҳо) зоҳир аст;**[2] **ва бояд ки сарандозҳои худро бар гиребонҳои худ фурӯ гузоранд".** Нур 31

Дар ҷои дигар мефармояд:

**"Ва дар хонаҳои хеш бимонед ва монанди изҳори таҷаммул, ки дар ҷоҳилияти пешин буд, изҳори таҷаммул макунед". Аҳзоб 33**

Ҳамчунин мефармояд:

"Ва чун аз занони пайғамбар чизе талаб кунед, пас, онро аз паси парда талаб кунед. Ин хислат барои дилҳои шумо ва дилҳои онҳо поктар аст". Аҳзоб 53

Баъд аз чанд оя мефармояд:

"Эй пайғамбар, ба занони худ ва духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодарҳои худро бар худ фурӯ гузоранд".Аҳзоб 59

Расули акрам (с) мегӯянд: "***Зан аврат аст***" яъне сатр ва пӯшиш (ҳиҷоб) бар вай воҷиб аст.

---

[2] Яъне: рӯю ду каф.

## *ҲИҶОБ ИФФАТ АСТ*

Худованд ҳиҷобро нишонаи иффат ва покдоманӣ қарор додааст:

***“Эй пайғамбар, ба занони худ ва духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодарҳои худро бар худ фурӯ гузоранд; ин ба он наздиктар аст, ки шинохта шаванд, пас, ба онҳо изо дода нашавад”.***

Оя ишора ба ин матлаб дорад, ки шинохти хубиҳо ва зебоиҳои зан аз тарафи афроди номаҳрам боиси азият ва озори вай мешавад ва хешовандонашро ҳам дар фитна ва ба дарди сар меандозад.

Худованд ба занони солхӯрдае,ки мавриди тамоил ва пазириши мардон нестанд , иҷоза дода то рӯйпӯшҳоро бар замин бигзоранд ва сурат ва ду кафи дастро зоҳир созанд. Дар ин бора мефармояд:

***"Ва бар занони калонсол, ки умеди никоҳ надоранд, дар он гуноҳе нест, ки ороишеро зоҳир накарда, ҷомаҳои худро фурӯ ниҳанд"***.

Ба дунболи он, ба баёни мустаҳаб ва шакли беҳтар ва комилтари он мепардозад ва мефармояд:

***“Ва агар парҳезгорӣ кунанд, барои онҳо беҳтар аст. Ва Худо Шунавои Доно аст”.*** (Нур-60)

Мулоҳиза мекунем, ки Худованд ҳиҷобро ҳатто барои занони солхӯрда, иффат ва покдоманӣ номида, пас ҳиҷоб барои занони ҷавон иффат ва покдоманӣ нест?

## *ҲИҶОБ ПОКИСТ*

Худованд мефармояд:

***"Ва чун аз занони пайғамбар чизе талаб кунед, пас, онро аз паси парда талаб кунед. Ин хислат барои дилҳои шумо ва дилҳои онҳо поктар аст". (Аҳзоб-53)***

Худованд дар ин оя, ҳиҷобро покӣ ва таҳорати дилҳои мардон ва занон номидааст. Зеро агар чашм, чизеро набинад, дилозории онро намекунад. Аммо агар чашм чизеро бубинад, дилозорӣ кунад ва муштоқи он гардад. Ин ҷост, ки агар чашм набинад дил поктар мемонад ва инсон камтар дучори фитна ва фасод мешавад. Зеро ҳиҷоб умеди дилҳои маризро қатъ мекунад. Худованд мефармояд:

**"Дар сухан гуфтан мулоимат макунед, ки он гоҳ касе, ки дар дилаш беморист, тамаъ кунад".**

## *ҲИҶОБ ПӮШИШ АСТ*

Расулуллоҳ (с) мефармоянд: *"**Худованд бисёр пардапӯш ва боҳаё аст ва ҳаё ва сатрро дӯст дорад**."* Ҳамчунин мефармояд:*"**Ҳар зане, либосашро хориҷ аз хонааш берун биёварад, Худованд пардаашро медарад.**"*

## *ҲИҶОБ ТАҚВО АСТ*

Худованд мефармояд:

***"Эй фарзандони Одам, ба дурустӣ ки бар шумо либосеро фуруд овардем, ки шармгоҳи шуморо бипӯшад; ва низ ҷомаҳои зинатро. Ва либоси парҳезгорӣ аз ҳама беҳтар аст".*** (Аъроф 26)

## *ҲИҶОБ ИМОН АСТ*

Худованд фақат занони мӯъминро мухотаб қарор медиҳад ва мефармояд, ***"Ва ба занони мӯъмин бигӯ..."***. Ҳамчунин мегӯяд: ***"Ҳамсарони мӯъмин".*** Ҳангоме, ки гурӯҳе аз аз занони қабилаи бани Тамим назди Уммулмӯъминин Оишаи Сиддиқа

(р.з)омаданд ва либосҳои нозуке ба тан доштанд. Ҳазрати Оиша (р.з)фармуданд: ***“Агар шумо мўъмин ҳастед, ин либос либоси мўъминон нест. Агар мўъмин нестед, метавонед аз ин либосҳо баҳраманд гардед.”***

## *ҲИҶОБ ҲАЁ АСТ*

Он Ҳазрат (с) мефармояд:” ***Ҳар дин ахлоқе дорад ва ахлоқи дини Ислом ҳаё аст”.*** Инчунин мефармоянд: ***”Ҳаё аз имон аст ва ҷои имон дар биҳишт аст”***.

Ҳамчунин мефармоянд***:”Ҳаё ва имон ба ҳам пайвастаанд,*** агар ***яке бардошта шавад, дигаре ҳам бардошта мешавад”.*** Уммулмўъминин Ҳазрати Оиша (р.з)мефармояд***:”Ба хонае, ки Расулуллоҳ (с) ва падарам дар он дафн шуда буданд, ворид мешудам ва либосамро ба замин мегузоштам ва бо худ мегуфтам: яке шавҳарам ва дигаре падарам аст. Аммо савганд ба Худо аз вақте ки Умар (р.з)дар он ҷо дафн гардид, ҳар вақт, вориди хона мешудам ба иллати шарм ва ҳаё аз Умар (р.з)либосамро мўҳкам ба баданам мебастам.”***

Дар натиҷа ҳиҷоб мувофиқ ва созгор бо ҳаёест, ки дар хилқати зан нуҳуфтааст.

## *ҲИҶОБ ИЗЗАТ АСТ*

Ҳамчунин ҳиҷоб бо иззате, ки табиати мард бар асоси он сиришта шудааст, таносуб ва созгорӣ дорад. Албатта бо табиати ҳамон марде, ки аз фитрати салим бархурдор аст ва дӯст надорад чашмҳои хоин ба ҳамсар ва духтаронаш (ва хоҳаронаш) нигоҳ кунанд.

Агар ба таърих назар бияфканем, мебинем, ки чи бисёранд ҷангҳои ки дар замони ҷоҳилият ва Ислом ба хотири ҳиммат ва ғайрат бар ҳурмати занон ба вуқӯъ пайвастааст. Ҳазрати Алӣ (р.з)мефармояд: ***“Ба ман хабар расидааст, ки занони шумо дар бозорҳо душодуши мардони кофир роҳ мераванд. Оё ғайрати шумо дар ҳаракат дар намеояд? Инро бидонед, ки касе ки ғайрат надорад , ҳеҷ хайре дар ӯ нест”.***

## *АЙБҲОИ БЕҲИҶОБӢ*

## *БЕҲИҶОБӢ НОФРАМОНИИ ХУДО ВА РАСУЛ АСТ*

Касе, ки аз Худо ва паёмбараш нофармонӣ кунад, фақат ба худаш зарар мерасонад ва ба Худо ҳеч зараре намерасонад. Паёмбари акрам (с) мефармояд: ***“Ҳамаи уммат вориди биҳишт мешаванд, магар касе, ки худдорӣ мекунад.” Саҳоба пурсиданд: “Эй Расули Худо! Чӣ касе худдорӣ мекунад?” Фармуд: ”Касе, ки маро итоат кунад вориди биҳишт мешавад ва касе, ки маро нофармонӣ кунад, дар воқеъ худдорӣ намудааст”.***

## *БЕҲИҶОБӢ ГУНОҲИ БУЗУРГ АСТ*

Умайма духтари Руқиқа хидмати Паёмбари акрам (с) омад, то бо вай байъат намояд. Паёмбари акрам (с) фармуд:”***Бо ту байъат мекунам, ки ба Худованд ширк наварзӣ, дуздӣ накунӣ, муртакиби амали зино нашавӣ, фарзандатро ба қатл нарасонӣ, ба мардум тӯҳмат ва ифтиро набандӣ, навҳа нахонӣ ва монанди ҷоҳилияти гузашта, худатро миёни бегонагон ба намоиш нагузорӣ”.*** Мулоҳиза

мекунем, ки дар ин ҳадис Паёмбари акрам (с) беҳиҷобиро дар канори бузургтарин гуноҳони кабира ва ҳалоккунанда зикр намудааст.

## *БЕҲИҶОБӢ  БОИСИ ЛАЪНАТ ВА ДУРӢ АЗ РАҲМАТИ ХУДО МЕШАВАД*

Паёмбар (с) мефармояд:" ***Ба зудӣ дар поёни уммати ман заноне меоянд,ки ба зоҳир либос пӯшидаанд, вале дар воқеъ урёнанд. Онҳоро лаънат кунед, зеро онҳо малъунанд".***

## *БЕҲИҶОБӢ АЗ СИФАТҲОИ ҶАҲАННАМИЁН АСТ*

Расулуллоҳ (с) мефармояд:" ***Ду гурӯҳ аз ҷаҳаннамиёнанд, ки ман онҳоро надидаам: гурӯҳе тозиёнаҳои монанди думи гов ба даст доранд ва мардумро тозиёна мезананд. Гурӯҳи дуюм, заноне ҳастанд, ки ба зоҳир либос пӯшдаанд, вале дар воқеъ урёнанд. Онҳо бо шакл ва ҳаракатҳо мардони бегонаро ба тарафи худ ҷазб мекунанд ва худашон ҳам ба сӯи мардон тамоюл доранд. Сарҳояшон***

***монанди кӯҳони шутур аст. Инҳо, вориди биҳишт намешаванд. Ҳатто бӯи биҳишт ҳам ба машоми онҳо намерасад ва ин дар ҳолест, ки бӯи биҳишт аз фосилаи бисёр тӯлонӣ ба машом мерасад”***.

## *СИЁҲӢ ВА ТОРИКИИ ҚИЁМАТ ДАР ИНТИЗОРИ БЕҲИҶОБОН*

Ривоят шудааст, ки Паёмбари акрам (с) фармуд: ***“Касе, ки берун аз хонаводааш дар либоси зиннат, хиромон роҳ равад, рӯзи қиёмат монанди шабаҳи торикист, ки нур надорад”.*** Яъне зане, ки бар хилофи ҳиҷоб доманкашон ва хиромон роҳ равад, рӯзи қиёмат дар ҳоле меояд, ки сиёҳ ва торик аст. Гӯё ҷисмаш аз торикӣ сохта шудааст. Ин ҳадис, агар чӣ заъиф буд, аммо маънояш саҳеҳ аст. Зеро лаззат, роҳат, серӣ, баракат, хушбӯӣ ва нуре, ки дар дунё аз маъсият ва нофармонии Худованд ҳосил шавад, рӯзи қиёмат табдил ба азоб, хастагӣ, гуруснагӣ, бебаракатӣ, бадбӯӣ ва торикӣ мешавад. Аммо итоат баръакс аст. Чунончӣ бадбӯии даҳони рӯзадор ва хуни шаҳид рӯзи қиёмат хушбутар аз мушк мегардад.

## *БЕҲИҶОБӢ НИФОҚ АСТ*

Он Ҳазрат (с) фармуданд: ***“Беҳтарин занони шумо заноне ҳастанд, ки маҳбуб, зоянда, ҳамдард ва мувофиқи шумо бошанд. Ба шарте ки тақворо риоят кунанд. Бадтарини занони шумо заноне ҳастанд, ки ҳиҷобро риоя намекунанд ва бо нозу такаббур роҳ меравand. Ин гурӯҳ  аз занон мунофиқанд. Ба ҳамин иллат фақат теъдоди каме аз занон вориди биҳишт мешаванд”***.

## *БЕҲИҶОБӢ  ПАРДАДАРӢ ВА РАСВОӢ АСТ*

Расулуллоҳ (с) мефармояд: ***“Ҳар зане либосашро дар ғайри хонаи шавҳараш аз тан берун оварад ва ба замин бигзорад, дар ҳақиқат пардаи миёни худ ва Худовандро даридааст”.***

## *БЕҲИҶОБӢ  АМАЛИ ЗИШТ АСТ*

Зан аврвт аст ва ошкор кардани аврат амали зишт ва нафратовар аст. Худованд мефармояд: ***“Ва***

***чун кори зишт бикунанд, гӯянд: «Падарони худро бар ин кор ёфтаем ва Худо моро ба он фармудааст». Бигӯ: «Худо ба кори зишт намефармояд. Оё бар Худо он чиро мегӯед, ки намедонед?" (Аъроф-28)***

***"Шайтон тангдастиро ба шумо ваъда медиҳад ва ба беҳаёӣ мефармояд". (Бақара-268)***

Зани беҳиҷоб вируси олуда ва зарароварест, ки ба паҳншавии фасод ва фаҳшо дар ҷомеаи исломӣ сабаб мешавад. Худованд мефармояд:

***"Ҳамоно барои онон, ки дӯст медоранд, ки (тӯҳмати) бадкорӣ дар [шаъни] мӯъминон фош шавад, дар дунёву охират азоби дарддиҳанда ҳаст. Ва Худо медонад ва шумо намедонед".*** (Нур-19)

## *БЕҲИҶОБӢ КОРИ ШАЙТОН АСТ*

Моҷарои Одам ва Ҳаво ба мо нишон медиҳад, ки Иблис, ин душмани Худо, чӣ алоқаи зиёде дорад, то авратҳоро ошкор созад, пардаҳои ҳиҷобро пора кунад ва ба фасод ва фаҳшо доман занад. Метавон

гуфт, ки ҳадафи асосии Иблис пардадарӣ ва беҳиҷобӣ аст. Худованд мефармояд: ***“Эй фарзандони Одам, Шайтон шуморо гумроҳ накунад, чунон ки падару модари шуморо аз биҳишт берун овард, ҷомаҳояшонро аз онҳо бикашид, то ба онҳо шармгоҳашонро бинамояд”.*** Аъроф 27

Пас Иблис, муассис ва бунёдгузори даъват ба беҳиҷобӣ ва лухтист ва раҳбари касонест, ки ҳаракати ба истилоҳ “озодии зан”-ро раҳбарӣ мекунанд. Дар воқеъ, раҳбар ва пешвои ҳама касонест, ки аз ӯ пайравӣ карда, аз дастурҳои Худо сарпечӣ мекунанд. Ба вижа пешвои он занони беҳиҷобест, ки бо беҳиҷобии худ мусалмононро озор медиҳанд ва ҷавононашонро ба фитна ва фасод мекашанд. Он Ҳазрат (с) мефармояд: ***“Баъд аз худам, ҳеч фитнае нагузоштам, ки зарараш барои мардон аз занон бештар бошад”***.

## *БЕҲИҶОБӢ КОРИ ЯҲУД АСТ*

Яҳуд барои нобуд кардан ва аз байн бурдани миллатҳо аз тариқи занон талоши зиёде намудаанд. Ба тавре, ки муассисаҳои мухталифи онҳо

беҳиҷобиро ба унвони яке аз буррандатарин силоҳҳо мавриди истифода қарор додаанд. Расулуллоҳ (с) мефармоянд: "***Аз фитнаи дунё ва занон парҳез кунед. Зеро аввалин фитна дар Бани Исроил аз тариқи занон буд".*** Китобҳои яҳуд ҳам ҳикоят аз ин дорад, ки Худованд духтарони Саҳюнро ба хотири беҳиҷобиашон муҷозот намудааст. Чунон чӣ дар фасли саввум бахши ашшиъёи китоби Таврот омадааст, ки "Худованд ба зуди духтарони Саҳюнро ба хотири беҳиҷобӣ ва ифтихор ба садои халхол (пои биринҷин) муҷозот мекунад ва аз зеваролоте монанди халхол, гесу, ҳалқа, улангу, бурқаъ ва сарбанд маҳрум менамояд".

Бо ин ки паёмбари акрам (с) аз монанд ва пайравӣ намудан аз роҳу равиши куффор, ба вижа дар мавриди занон ҳушдор додааст. Аммо бештари мусалмонон ин ҳушдорро нодида гирифтанд ва аз роҳу равиши куффор пайравӣ намуданд, то ҷое ки пешгӯии Расулуллоҳ (с) амалӣ шуд: "***Шумо ваҷаб ба ваҷаб ва гом ба гом аз роҳу равиши пешиниён пайравӣ мекунед. Ҳатто агар онҳо дохили лонаи сусморе шуданд, шумо ҳам дохил мешавед." Аз он Ҳазрат (с) пурида шуд: "Мақсуд аз пешиниён яҳуд ва насоро аст?" Фармуд :" Пас чӣ касонест?"***

Ин заноне, ки имрӯз аз занони яҳуд ва насоро тақлид мекунанд ва бо дастурҳои Худо ва Паёмбараш (с) мухолифат мекунанд, бо яҳуде ки мавриди хашм ва ғазаби Худованд қарор гирифта, чӣ қадар наздик ва шабеҳанд. Он яҳуде, ки суханони Худовандро бо шиори *"**Шунидем ва нофармонӣ кардем**"* истиқбол карданд ва аз тарафе бо бонувони мӯъмине, ки дастурҳои Худовандро бо шиори *"**Шунидем ва итоат кардем**"* истиқбол карданд, фосилаи зиёде доранд.

Худованд мефармояд***: "Ва ҳар ки баъд аз он, ки роҳи рост барояш маълум шуд, ба пайғамбар мухолифат кунад ва ғайри роҳи мӯъминонро пайравӣ кунад, ӯро бо он чи дӯст медорад, вогузорем ва ӯро ба дӯзах дарорем; ва он бад ҷоест".*** (Нисо-115)

## *БЕҲИҶОБӢ ҶОҲИЛИЯТ АСТ*

Худованд мефармояд: *"**Ва дар хонаҳои хеш бимонед ва монанди изҳори таҷаммул, ки дар ҷоҳилияти пешин буд, изҳори таҷаммул макунед".*** Аҳзоб 33

Паёмбари акрам (с ) даъвои ҷоҳилиятро палид ва бад хонда, аз мо хоста то онро раҳо кунем ва дурӣ ҷӯем. Ҳамчунин дар сифатҳои он Ҳазрат (с) омадааст, ки ***“Ва барои онҳо покизаҳоро ҳалол месозад ва нопокизаҳоро ҳаром мекунад”.*** Аъроф 157

Пас даъвои ҷоҳилият, монанди беҳиҷобӣ ҷоҳилият аст. Ҳар ду бадбӯ ва нопоканд. Расулуллоҳ (с) ҳамаи умури ҷоҳилиятро мамнӯъ ва ҳаром намудааст. Чунончӣ дар суханронии Ҳаҷҷату-л-вадоъ фармуданд: ***“Имрӯз корҳои ҷоҳилиятро зери по гузоштем”.*** Фарқ намекунад чӣ беҳиҷобии ҷоҳилият бошад, чӣ даъвои ҷоҳилият, чӣ ҳукми ҷоҳилият, чӣ гумони ҷоҳилият, чӣ таассуби ҷоҳилият ва чӣ рибои ҷоҳилият, ҳама яксонанд.

## *БЕҲИҶОБӢ, ҲАЙВОНИЯТ, ИРТИҶОЪ ВА АҚИБМОНДАГИСТ*

Бараҳнагӣ табиат ва хислати ҳайвонот аст. Ҳаргоҳ, инсон ба сӯи он гароиш пайдо кунад, ба ақиб бар мегардад ва ба мартабае поёнтар аз мартабаи инсоният, ки Худо ба башар арзонӣ дошта ва гароиш ба ҳиҷоб ва пӯшишро дар ниҳод ва фитрати ӯ

гузошта, сукут мекунад. Инро бояд бидонем касоне, ки беҳиҷобӣ ва бараҳнагиро ҷамол ва зебоӣ мебинанд, дар воқеъ фитрати мариз ва завқи вожгун доранд. Ин худ далели тахаллуф ва ақибмондагии онҳо аст.

Нуқтаи қобили мулоҳиза ин аст, тараққӣ ва пешрафти башар бо сатр ва пӯшиш иртиботи мустақим дорад. Ба тавре ки ҳамеша натиҷаи пешрафт сатр ва пӯшиш будааст. Нуктаи дигар ин ки ҳиҷоби зан бо ғаризаи ғайрат, ки аз рӯҳ сарчашма ва нашъат мегирад, таносуб ва созгорӣ дорад. Аммо бебандуборӣ ва беҳиҷобӣ аз шаҳват нашъат мегирад. Зеро ин шаҳват аст, ки инсонро ба беҳиҷобӣ ва ихтилот мекашонад. Ҳар кас аз ин равиши дуввум (бебандубориро) – интихоб намояд, бояд равиши аввал (ҳиҷоб ва ғайрат)–ро фидо кунад ва ё беҳиҷобӣ ва ихтилот бо бегонагон, садои ғайратро дар дарунаш хомӯш намояд. Ин ҷост, ки беҳиҷобӣ далел бар фасодии фитрат, қиллати ҳаё, беғайратӣ ва беэҳсосист.

## *БЕҲИҶОБӢ ДАРВОЗАИ ФАСОДИ ФАРОГИР АСТ*

Касоне, ки ба нуссҳои шариат ва рӯйдодҳои таърихӣ бияндешад, ба фасод ва зарарҳои беҳиҷобӣ бар дин ва дунё пай хоҳанд бурд.Ба вижа ҳангоме ки дар канори беҳиҷобӣ  ихтилоти зан ва мард ҳам бошад.

## *НАТОИЧИ БЕҲИҶОБӢ*

1. Занони беҳиҷоб дар ороиши ҳаром ва ғайри шаръӣ барои ҷалби таваччӯҳ ҳар чӣ бештар бо якдигар ба рақобат мепардозанд.Ба тавре ки дар ин росто, арзишҳои ахлоқи поймол ва амволи зиёде ҳайф ва харҷ мешавад. Зан ба шакли колои ҳақир ва пасте дар меояд, ки барои нигоҳи тамошогарон ба бозор арза мешавад.

2. Боиси фасоди ахлоқи мардон, ба хусус ҷавонон ва навҷавонон мешавад ва онҳоро ба майли корҳои зишт ва ҳаром во медорад.

3. Рабитҳои хонаводагиро ба ҳам мезанад. Эътимоди афроди хонавода нисбат ба якдигар салб шуда, боиси адами эътимод миёни афроди хонавода ва сабаби паҳншавии талоқ дар ҷомеа мешавад.

4. Бо зан ба унвони василаи таблиғотӣ ё олоти саргарм дар заминаҳои мухталифи тиҷорӣ рафтор мешавад.

5. Беҳиҷобӣ барои худи зан низ бад тамом мешавад, зеро намоиши андом худ навъи эълони хабисдарунӣ аст ва ҳамин амр боис мешавад, то

мавриди азият ва озори шахсони бад ва шаҳватпараст қарор гирад.

6. Интишори навъҳои беморӣ. Расулуллоҳ (с) мефармояд: “***Ҳар гоҳ зино дар қавме ба ҳадди ошкоро паҳн гардд, тоъун ва навъҳои бемориҳои бесобиқа миёни онҳо шуюъ пайдо хоҳад кард***”.

7. Зинои бо чашм ба осонӣ анҷом мегирад. Расулуллоҳ (с) мефармояд: “***Зинои чашм нигоҳ кардан аст***”. Нигоҳдории чашм ба номаҳрам, ки мо барои расидан ба ризои Худо ба он дастур дода шудаем, мушкил мешавад.

Ҷомеае, ки бар асари беҳиҷобӣ дучори фасод ва фаҳшо шудааст, сазовори нузули азобҳои умумӣ мегардад, ки қатъан хатараш аз бомбаҳои ҳастаӣ ва заминларзаҳо бештар аст. Худованд мефармояд:

***“Ва чун хоҳем, ки деҳеро ҳалок кунем, ба саркашони он ҷо мефармоем. Пас, он ҷо нофармонӣ кунанд ва ваъдаи азоб бар он деҳа собит шавад, пас, ба барҳам задане онҳоро барҳам занем».***

Расулуллоҳ (с) мефармояд : ***“Агар мардум мункирро бубинанд ва онро тағйир надиҳанд, ба зудӣ Худованд онҳоро дучори азобе хоҳад кард”.***

## *ШАРОИТИ ҲИҶОБИ ИСЛОМӢ*

### *АВВАЛ: ПӮШИДАНИ ҲАМАИ БАДАНИ ЗАН БИНО БА ҚАВЛИ РОҶЕҲ*

Баъзе аз уламо зоҳир кардани чеҳра ва ду кафи дастро мубоҳ донистанд. Ба шарти ин ки зан дучори фитна нашавад ва дигаронро ҳам ба фитна наяндозад, яъне зебо набошад ва дасту сураташро ҳам ороиш накарда бошад. Ҳамчунин афроди ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунад фоҷир ва чашмчарон набошанд.

### *ДУВВУМ: ХУДИ ҲИҶОБ ЗИННАТ НАБОШАД*

Зеро Худованд мефармояд: ***“ва ороиши худро ошкоро накунанд, магар он чи аз он (мавзеъҳо) зоҳир аст”.*** Ҳамчунин мефармояд: ***“Ва дар хонаҳои хеш бимонед ва монанди изҳори таҷаммул, ки дар ҷоҳилияти пешин буд, изҳори таҷаммул макунед”***

Дар асл, Худованд қонуни ҳиҷобро вазъ намуда, то зиннати зан пӯшида шавад. Пас маъқул нест, ки худи ҳиҷоб зиннат бошад.

### *САВВУМ: ҒАФС БОШАД, НОЗУК ВА ШАФФОФ НАБОШАД*

Ҳиҷоб бояд ғафс бошад. Зеро сатр фақат бо либоси ғафс ҳукми ҳиҷобро пайдо мекунад. Аммо зан дар либоси шаффоф, ҳар чанд ба зоҳир пӯшида аст, аммо дар ҳақиқат лухт аст.

Расулуллоҳ (с) мефармояд: ***"Ба зудӣ дар поёни уммати ман заноне меоянд, ки ба зоҳир либос пӯшидаанд, вале дар воқеъ лухтанд. Болои сарашон монанди кӯҳони шутур аст. Онҳоро лаънат кунед, зеро онҳо малъунанд"***. Дар ҳадиси дигар омадааст: ***"Ин занон вориди биҳишт намешаванд, ҳатто бӯи биҳишт ҳам ба машоми онҳо намерасад. Ин дар ҳолест, ки бӯи биҳишт аз масири бисёр тӯлонӣ ба машом мерасад".***

Ин ҳадис, далолат бар ин дорад, ки пӯшидани либоси шаффоф ва нозук, ба тавре ки нозукиҳои баданро зоҳир намояд, аз гуноҳони кабира шумурда мешавад ва боиси ҳалокат ва нобудӣ мегардад.

## *ЧАҲОРУМ: ЛИБОСИ ҲИҶОБ БОЯД ФАРОХ ВА КУШОД БОШАД , ТАНГ НАБОШАД*

Зеро ҳадаф аз ҳиҷоб ҷилвагирӣ аз фитна аст ва либоси танг ҳаҷм ва андозаи ҳамаи бадан ё баъзе аз баданро нишон медиҳад ва аъзои баданро ҷилави

чашми мардон ба тасвир мекашад. Возеҳ аст, ки ин навъ либос боиси фасод ва фитна мегардад.

Ҳазрати Усома ибни Зайд (р.з)мегӯяд: ***“Паёмбари Худо (с) ҷомаи сатрбар ва ғафсеро, ки аз катони сафед дуруст шуда буд ва Даҳияи Калбӣ эҳдо карда буд, ба ман бахшид. Ман онро ба ҳамсарам бахшидам. Он Ҳазрат (с) фармуданд:” Чаро онро намепӯшӣ?” Гуфтам : “Онро ба ҳамсарам бахшидам.” Паёмбари Худо (с) фармуд: “Ба ҳамсарат дастур бидеҳ то зерпӯш истифода намояд. Метарсам ин ҷома ҳаҷми устухонҳояшро нишон диҳад”.***

## *ПАНҶУМ: МУАТТАР ВА ХУШБӮ НАБОШАД*

Расулуллоҳ (с) фармуданд: ***“Ҳар зане атр ва хушбӯӣ истеъмол кунад ва бар гурӯҳе гузар намояд, ба тавре ки бӯяш ба машоми онҳо бирасад , он зан зинокор аст”.***

## *ШАШУМ: ШАБЕҲИ ЛИБОСИ МАРДОН НАБОШАД*

Расулуллоҳ (с) мефармояд: ***”Аз мо нест заноне, ки худро монанди мардон кунанд ва***

***ҳамчунин аз мо нестанд мардоне, ки худро шабеҳи занон намоянд".***

Ҳазрати Абуҳурайра (р.з)мегӯяд:

***"Расулуллоҳ (с) мардеро, ки либоси занона бипӯшад ва занеро, ки либоси мардона бипӯшад, лаънат намуд".***

Ҳамчунин он Ҳазрат (с) фармуданд: ***"Се нафар рӯзи қиёмат вориди биҳишт намешаванд ва Худованд ба сӯи онҳо нигоҳ намекунад: фарзанде, ки нофармонии падару модарашро кунад, ва зане, ки худро шабеҳ ва монанди мардон намояд ва марди бегайрат".***

## *ҲАФТУМ: ШАБЕҲИ ЛИБОСИ ЗАНОНИ КОФИР НАБОШАД*

Расулуллоҳ (с) мефармоянд: ***"Касе, ки худро шабеҳ ва монади қавме намояд, аз ҳамон қавм ба шумор меравад".*** Абдуллоҳ ибни Умар (р.з)мегӯяд***:"Ҳангоме, ки Расулуллоҳ (с) ду либоси сурхрангро ба танам дид, фармуд: "Ин либоси кофирон аст, шумо онро напӯшед".***

## *ҲАШТУМ: ҲАДАФ АЗ ОН ШЎҲРАТ МИЁНИ МАРДУМ НАБОШАД*

Расулуллоҳ (с) мефармоянд:***"Касе, ки дар дунё либоси шўҳрат бипўшад, Худованд рўзи қиёмат ба ў либоси зиллат ва хорӣ мепўшонад. Сипас оташи чаҳаннамро дар он шўълавар месозад".***

Либоси шўҳрат либосе гуфта мешавад, ки ҳадафи соҳиби он машҳур шудан миёни мардум бошад. Фарқе намекунад, ки либоси арзишманд бошад ва фард онро ба хотири ифтихор ба дунё ва зевар- олоти он бипўшад ва ё либоси беарзише бошад ва фард онро барои ба намоиш гузоштани зуҳд ва тақвояш бошад. Ба унвони мисол: Рангеро интихоб мекунад, ки дигарон онро намепўшанд, то мардумро ба сўи худ мутаваҷҷеҳ намояд ва бо ғурур ва худписандӣ ба мардум кибр варзад.

## *АЗ БЕҲИҶОБӢ НИҚОБДОР ПАРҲЕЗ КУНЕД*

Агар дар шартҳои гузаштаи ҳиҷоб хуб тадаббур намояд, ба хубӣ барои шумо возеҳ ва ошкор мешавад, ки бисёре аз занони ҷавоне, ки имрўз "занони ҳиҷобдор" номида мешаванд, баҳрае аз ҳиҷоб надоранд. Инҳо ҳамон касоне ҳастанд, ки номи

гуноҳонро иваз мекунанд, беҳиҷобиро ҳиҷоб ва маъсиятро тоат ном мегузоранд.

Душманони бедори ислом талоши зиёде намуданд, то бо дастгирӣ, зиндон ва шиканҷа намудани афрод, бедории исломиро дар нутфа хафа намоянд. Аммо Худованд тавтиаи онҳоро нақши бар об кард ва мардон ва занони мўъмин бар тоати Парвардигорашон собит ва устувор монданд.

Баъд аз ин ки шиканҷа ва зиндон суде набахшид, душманони Ислом тағйири равиш доданд ва ба ин ба ин фикр афтоданд, то бо равиши палид, бедории исломиро аз масири раббониаш мунҳариф кунанд.

Дар натиҷа ба тарвиҷи шаклҳои ҷадиде аз ҳиҷоб, ба номи "роҳи ҳалли васат" пардохтанд. То бад ин сурат, ба гумони онҳо зани ҳиҷобдор Парвардигорашро хушнуд ва розӣ намояд ва дар айни ҳол, ҳамоҳанг бо ҷомеа пеш равад. Қашангӣ ва зебоияшро низ ҳифз намояд.

Порчафурўшон ҳам ба иллати интишори ҳиҷоби шаръӣ аз касоди тиҷораташон ба ваҳшат афтоданд. Инҷо буд, ки бозорҳоро бо намунаҳое масх

шуда бо ҳиҷоб, тахти унвони “ҳиҷоб муди рӯз” пур намуданд. Ин навъ ҳиҷоб, ҳарчанд дар ибтидо бо навъе эҳтиёт, муҳофазакорӣ ва инкор мувочеҳ гардид, аммо дере нагузашта, ки интишори падидаи ҳиҷоби шаръӣ ва ба дунболи он фишори иҷтимоӣ, ки бар асари интишори ҳиҷоби шаръӣ эҷод шуда буд, бисёре аз беҳиҷобонро ногузир сохт, то барои наҷот аз фишори ичтимоӣ бо шитоб ва аҷала роҳи ҳалли васатро интихоб намоянд ва бад ин тартиб бо гузашти замон, беҳиҷоби ниқобдор, ки онро “ҳиҷоб муди рӯз” номиданд, дар ҷомеа мунташир гардид. Онҳое, ки ҳиҷоб муди рӯз мепӯшанд ва фикр мекунанд, ки беҳтарин духтарон ва занони мусалмон ҳастанд, бояд бидонанд, ки баҳрае аз ҳиҷоб надошта ва ҳиҷоб бо онҳо бегона аст .

Пас эй хоҳаре, ки “ҳиҷоб муди рӯз”–ро пӯшидаӣ ва зебоиҳоятро дар маърази диди бегонагон гузоштаӣ! Мабодо боварат шавад, ки ҳиҷобат ҳиҷоби шаръист, он ҳиҷобе, ки боиси ризои Худо ва Расулаш мешавад ва мабодо фиреби табрикгӯёни ҳиҷобатро бихӯрӣ, он касоне , ки ҳиҷоби ғайри шаръиятро табрик мегӯянд ва насиҳатро аз ту дареғ медоранд.

Хоҳари азизам! Мабодо дучори фиреб шавӣ ва ба худат талқин кунӣ, ки " ман аз касоне, ки комилан беҳиҷобанд, беҳтарам". Зеро улгупазирӣ аз инсонҳои бад, дуруст нест. Инро бидон, ки оташи чаҳаннам, манзалатҳои нузулӣ дорад, ҳамон тавре ки биҳишт дарачаҳои суъуд дорад. Пас бар ту воҷиб аст, то аз он хоҳароне, ки ба ҳиҷоби шаръӣ бо тамоми шароиташ мутааҳҳид ҳастанд, пайравӣ намоӣ.

Аз Расулуллоҳ (с) ривоят шудааст, ки фармуд:" ***Дар умури дунё ба касоне бингаред, ки сатҳи зиндагии онҳо аз сатҳи зидагии шумо пойинтар аст ва дар умури дини ба касоне бингаред, ки аз шумо мутадайинтаранд".*** Бо ин нигариш, неъматҳоеро, ки Худованд ба шумо арзонӣ дошта таҳқир намекунед.

Умар ибни Хаттоб (р.з) ин ояро тиловат фармуд: (тарчумаи оя)

***"Ба ростӣ, бар онон, ки: «Парвардигорамон Худо аст» гуфтанду сипас бар он биистоданд, фариштагон фуруд меоянд,[3] ки: «матарседу андӯҳ***

[3] Яъне: наздики марг.

***махӯред ва ба биҳиште, ки ваъда дода мешудед, хушҳол шавед".***

Сипас фармуд: ***"Савганд ба Худо, ки ин гурӯҳ барои ризои Худованд бар тоат ва ибодат истиқомат карданд ва монанди рӯбоҳ бо макру ҳила ин тараф ва он тараф нарафтанд".***

Ҳасани Басрӣ (р) мегӯяд: ***"Ҳаргоҳ шайтон ба ту нигоҳ кунад ва туро собит ва пойдор дар тоат ва ибодат бубинад, ҳар бор, ки ба суроғат биёяд, ҳамчунон туро дар тоат ва ибодат бубинад, туро раҳо мекунад ва ба ҳоли худат мегузорад. Аммо агар ҳар бор ҳолате доштӣ, шайтон дар ту тамаъ мекунад".***

Пас, эй хоҳари азизам! Роҳи истиқомат ва ҳидоятро дар пеш гир, ба тавре ки ҳеч инҳироф ва гумроҳӣ дар он роҳ надошта бошад. Холисона тавба кун ва ба сӯи Худо бозгард, ба тавре ки баъд аз тавба ва бозгашт дучори маъсият ва нофармонӣ нашавӣ.

***" Эй, мӯъминон! Ҳамагӣ тавба кунед ва ба сӯи Худо бар гардед, то растагор шавед".***

## *ШУНИДЕМ ВА ИТОАТ КАРДЕМ*

Мусалмони ростин фармудаҳои Парвардигорашро мепазирад ва ин фармудаҳоро дар тӯли зиндагияш амалӣ месозад. Зеро вай дини Худоро дӯст медорад ва барои он арзиш қоил аст ва ба қонунҳои он ифтихор мекунад. Ҳамчунин мусалмон суннатҳои Расулуллоҳ (с)-ро мешунавад ва ба онҳо амал мекунад. Бидуни ин ки ба гароиши тӯдаҳои гумроҳ ва саргардон башаре, ки ҳақиқати хешро фаромӯш кардаанд, аз сарнавиште, ки дар интизори онҳост ғофиланд, аҳамият диҳад.

Худованд имонро аз касоне , ки Худо ва расулашро пайравӣ намекунад, нафй намудааст: *“* ***Ва мегӯянд: «Ба Худову расул имон овардем ва фармонбардорӣ намудем». Сипас, гурӯҳе аз онҳо баъд аз ин рӯй мегардонанд; ва онҳо мӯъмин нестанд. Ва чун ба сӯи Худову расули Ӯ хонда шаванд, то миёни онҳо ҳукм фармояд, ногаҳон ҷамоате аз онҳо рӯйгардонидаанд*** *”*. Нур 47-48

Ин оятҳо, ҳамчунон идома дорад, то ин ки Худованд мефармояд: *“* ***Ҷуз ин нест, ки қавли мӯъминон – чун ба сӯи Худо ва расули Ӯ хонда мешаванд, то миёни онҳо ҳукм кунад – он мебошад, ки гӯянд:***

*«Шунидем ва фармонбардорӣ кардем. Ва ҳар ки Худову расули Ӯро фармонбардорӣ кунад ва аз Худо тарсад ва аз азоби Ӯ ҳазар кунад – ин ҷамоа ба мурод расандагонанд"* надоранд. Эшон растагорони воқеиянд ва ҳар кас аз Худо ва Паёмбараш паёравӣ намуда, аз Худо битарасад ва роҳи тақворо дар пеш гирад, инҳо растагорони ҳақиқиянд ва ба мақсуд расидаанд."

Сафия духтари Шайба мегӯяд: *"Рӯзе мо назди Ҳазрати Оиша (р.з)будем, ки сӯҳбат аз занони Қурайш ва фазилати онҳо шуд. Ҳазрати Оиша (р.з)фармуданд: Занони Қурайш занони бисёр фозил ва бузургвор ҳастанд, аммо савганд ба Худо, ки ман дар тасдиқи китоби Худо ва имон ба Қуръон, заноне беҳтар аз занони ансор суроғ надорам. Ҳангоме, ки ин ояи сураи Нур нозил гардид ва Худованд фармуд"Занон бояд рӯсариҳояшонро бар гарпданҳояшон бияндозанд." мардони ансор ба хонаҳояшон баргаштанд ва оётеро, ки дар бораи ҳиҷоб нозил шуда буд, тиловат намуданд. Ҳар мард барои ҳамсараш, духтараш ва ҳамаи хешовандонаш тиловат мекард. Ва ҳар зан баъд шунидани ин оёт, чун бовар ва имон ба китоби Худо дошт, фаврӣ чодарашро бар медошт ва ба сараш мепечид. Ва*

***ҳангоме, ки бо ҳамин ҳолат барои намози субҳ, пушти сари Расулуллоҳ (с) ҳозир шуданд, вақте ба сӯи онҳо нигоҳ мекарданд, гӯё бар сарашон калоғҳое нишастааст".***

Дар натиҷа, дар баробари дастури Худо ҳеч кас, ҳақи интихоб надорад. Ва дар пайравӣ аз фармудаҳои Худо набояд ҳеҷ шак ва тардиде ба худ роҳ диҳем. ***Пас, эй хоҳари мусалмон! Тавба кун ва ба сӯи Худо бозгард ва аз калимаҳои монанди "ба зудӣ (ё баъдтар) тавба мекунам", "ба зудӣ намоз мехонам", ва "ба зуди ҳиҷобро риоят мекунам(ё ба ибораи дигар баъдтар фурсат пайдо шуд, баъдан ҳиҷобро ба сар мекунам)"парҳез кун. Зеро ба таъхир андохтани тавба гуноҳест, ки худаш ниёз ба тавба дорад.*** Балки сухани ҳазрати Мӯсо (а)-ро такрор кун ва бигӯ:" ***Парвардигоро! Ба сӯи ту шитоб намудам, то хушнуд шавӣ".***

Он чиро мардон ва занони мӯъмин қабл аз ту гуфтанд, вирди забонат кун: "***Шунидем ва итоат кардем. Парвардигоро! Мағфирати туро мехоҳем ва бозгашти мо ба сӯи туст"***